# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсия ва автореферати Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик). - Душанбе, 2024. - 414 саҳ.**

Таҳқиқи поэтикаи осори бадеӣ, бавижа поэтикаи ашъори шоирони классик амрест сангину заҳматталаб. Аз он ҷо, ки поэтика, яъне шеърияти калом асоси ҳунари шоирист, таҳқиқу баррасии он таҷриба ва омодагии муносиби ҳирфаиро тақозо мекунад. Поэтика, қабл аз ҳама, дар нигариши хосу нотакрори шоирона ва фардияти сабку услуб ба зуҳур меояд ва тавассути маърифати шеърияти суханварони алоҳида вижагиҳои муштараки равандҳои адабиро метавон таъйид намуд. Ҳоло дар илми адабиётшиносии мо таҳқиқи равишманди ин масъала шуруъ гардида, чанд рисола дар ин замина таълиф шуда, ки аз дидгоҳи гуногун масъалаи мазкурро дар густураи баррасиҳо қарор додаанд. Диссертатсияи мавриди баҳси мо низ иқдоми тозае дар раҳгузори ҳамин ҷустуҷӯҳост. Аз қадим шуарои зиёде дар адабиёти классикии мо хома фарсудаанд, ки на танҳо ашъор, балки номашон аз маҳдудаи ковишҳои адабиётшиносони муосир берун афтода, агарчи онҳо адибони ҳирфаӣ ва соҳибмактаб ҳастанд. Зуҳурии Туршезӣ аз зумраи ҳамин гуна шоирони забардаст аст, ки шинохти рангомезиҳои ҷадиди эҷодиёти ӯ, аз ҷумла таҳқиқи мавзую муҳтаво ва навкардҳои шоир дар сохтори поэтикии ғазал хостори пажӯҳиши ҷомеи илмист, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ Шарипов Шариф Раҳмонович дар сатҳи шоиста ба сомон расонида шудааст.

Шеъри Зуҳурии Туршезӣ дар пояи муносиб ба мақоми шоирии ӯ то ҳол мавриди пажуҳиш қарор нагирифта ва дар адабиётшиносии форситаборон низ зуҳуришиносӣ ниёз ба такмилаҳои густарда дорад. Ба қавли муҳаққиқи эронӣ Шукуфа Доробӣ, «тибқи баррасиҳои баамаломада нигоранда ба ҳеч

таҳқиқе дар бораи Зуҳурии Туршезӣ бархӯрд накардааст» (диссертатсия, с. 15). Дар ин замина, ба ҷуз чаҳор поённома ва чанд мақола, киағлаби онҳо низ ба баррасии мавзуи ғазалиёти шоир иртиботе надоранд, пажуҳиши ҷудогона ва мукаммалу бунёдӣ вобаста ба масъалаи мавзую мундариҷа ва поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ сурат нагирифтааст (диссер., с. 14-31).

Ҳарчанд, дар роҷеъ ба мухтассоти ғазалиёти шоирони номвари гузашта, рисолаҳои мухтасару муфассал таълиф шуда, то ҷое назариёт ва методологияи таҳқиқи масоили мазкур мураттаб шудааст, моҳият ва зуҳури инфиродии поэтика, ки чеҳраи нотакрори шахсияти эҷодиро падид меоварад, ҷустуҷӯҳои доманадорро бар мабнои дастовардҳои мактабҳо ва ҳавзаҳои пешинаю ҳозираи илми адабиётшиносӣ тақозо дорад.

Ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, ки "маликушшуаро"-и дарбори Иброҳим Одилшоҳи сонӣ буд, бо маонии бикру бадеъ, тасвирҳои зарифу ғайримунтазира ва тозакориҳо дар чашмандози шоирона имтиёз мекунанд ва навпардозиҳои ӯ шоири маънигустаре чун Абдулқодири Бедилро мутаассир карда буд.

Ба ин маънӣ, таҳқиқи монографии поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик аз ҳар ҷиҳат **мубрам буда**, раванди такомули жанри ғазалро дар партави навҷӯиҳои шоиронаи сабки ҳиндӣ равшан менамояд. Бидуни омӯзиши нақш ва мақоми ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ манзараи таҷаддуди ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд мукаммал нахоҳад буд.

Матлаби ҷолиби дигар ин аст, ки мактаби пайравони ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ (диссертатсия, с. 322-349) ба таҳқиқ кашида шуда, дар баробари баррасии таҷрибаҳои ҳунарии ин шоири тавоно ба ҳайси як падидаи бонуфузи адабӣ масъалаи суннату навангезӣ дар матни адабиёти асрҳои XVII-XIX низ шарҳу баст ёфтааст.

Дар диссертатсия, ҳамзамон, бо корбандии равишҳои суннатӣ аз усулҳои муосири таҳқиқи адабиётшиносӣ, аз ҷумла дастовардҳои мактаби формализми русӣ дар ибтидои асри 20 ва муҳаққиқони муосири эронӣ:

ҳанҷоршиканӣ, ошноизудоӣ, ҳисомезӣ, тасвирҳои парадоксӣ, корбурди вобастаҳои ададӣ, барҷастасозӣ низ ба таври фаровон истифода шуда (диссертатсия, с. 243-286), ҷустуҷӯҳои унвонҷӯро то ба ҳадди натиҷаҳои наву ҷолиб маҷоли баён додааст.

**Нововарии илмии таҳқиқ.** Бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бо таваҷҷуҳ ба меъёрҳои нақди адабӣ, эстетикаи нормативӣ, асосҳои назарии илми бадеи форсии тоҷикӣ, равишҳои нави таҳқиқи каломи манзум дар шакли асари ҷомеъ ва ҷудогонаи таҳқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия бори нахуст муайян карда шудааст, ки Зуҳурии Туршезӣ дар ғазалсароӣ яке аз шоирони муваффақ ва соҳибмактаби адабиёти форсии тоҷикӣ буда, соҳиби сабки хос аст ва дар таҳаввулу такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX, бавижа, дар ривоҷу равнақи ин жанри ғиноӣ дар шибҳи қораи Ҳинд нақши бануР гузоштааст. Ҳақ ба ҷониби унвонҷӯй аст, ки бидуни пажуҳиши ҷанбаҳои поэтикии ғазалиёти шоир наметавон ангезаҳои такомули ғазали сабки ҳиндиро дар густараи адаби форсии тоҷикӣ, минҷумла, дар шибҳи қораи Ҳинд дар садаҳои XVII-XIX таъйид кард.

Муаллифи диссертатсия вижагиҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ва нақши ӯро дар таҳаввули суннатҳои адабӣ, навҷӯйӣ, маъниофаринӣ, тасвирсозӣ ва шаклгирии тимсолҳои меҳварии поэтикии каломро бо далелҳои муътамад ва мантиқии қавии илмӣ ба намоиш гузоштааст.

Дар ин замина, ҷанбаҳои сохтории ғазалиёти шоир, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ, мусиқии ғазал, шеваи маконсозӣ ва фазоофаринӣ дар ғазалҳои Зуҳурии Туршезиро пайваста бо масъалаҳои таркибофаринию тасвирсозӣ, тасвири шоиронаи инсон ва табиат, афкори ахлоқию фалсафӣ ва иҷтимоӣ ба таҳқиқ гирифта шуда, бад-ин васила пойгоҳи ҷадидро маърифату дар арзишгузории ғазалиёти шоир фароҳам овардааст.

**Дарачаи эътимоднокии натичаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи мазкур барои омӯзиши поэтикаи назми форсизабони Ҳиндустон, ки феълан, ниёзманди баррасиҳои муфассали илмӣ мебошанд, роҳро ҳамвор хоҳад кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)" ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) комилан **мувофиқат мекунад**.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки барои аввалин бор ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои мавзуию поэтикӣ таҳлилу таҷзия гардида, дар заминаи сохтор (вазн, қофия, радиф), мавзуъ, вижагиҳои сабкӣ ва воситаҳои тасвир нақши шоир дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд нишон дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Пажӯҳиши поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ва нақши ғазалиёти шоир дар таҳаввул ва такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд матлабҳои наверо дар назариёти жанрҳои ғиноӣ, хоссатан, таркиби бадеии ғазал матраҳ намуда, ки дар тавсеаи чашмандози адабиётшиносии муосир аз аҳаммияти хос бархурдор мебошад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки андешаҳои илмии муаллифи рисола, ки дар шакли хулосаҳо зикр шудаанд, метавонанд дар навиштани таърихи таҳаввул ва такомули ғазал дар садаҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд, сабки ҳиндӣ ва марoҳили инкишофи он, дар таҳияи китобҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фарҳангу мардумшиносӣ ва ахлоқ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамчунин, маводи ин рисоларо метавон дар иншои китобҳои дарсӣ, таърихнигории адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, таърихи афкори фалсафӣ, фарҳангномаҳо, фарҳанги таркиб ва таъбирҳои

шоирона, забони ғазал, сабкшиносӣ, рисолаҳои илмӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ ва корҳои курсӣ, таҳияи лексия барои донишҷӯёни факултетҳои филологӣ, курсҳои махсуси адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, каломи бадеъ ва маҳфилҳои мухталифи илмию адабии бахшида ба осори суханварони сабки ҳиндӣ истифода кард (диссертатсия, с. 39).

Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар боби аввали диссертатсия **«Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»**, ки аз шаш фасл иборат аст, диссертант ақидаи худро дар он, ки мавзуи асосии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ мавзуи ишқ аст, аз чанд ҷиҳат мудаллал месозад. Шоир дар 1302 ғазал, ки аз ӯ ба ёдгор мондааст, 862 маротиба вожаи «ишқ»-ро ба кор гирифта, бо жарфандешӣ, дарунnигарӣ ва паҳлугардони сухан дар бештари маврид маъниҳои тоза эҷод кардааст. Дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ баёни мушаххасу муназзами ягон консепсияи тасаввуфӣ ба чашм намерасад. Ғояҳои ирфонӣ ва ё мазмунҳои тасаввуфии ғазалиёти шоир, ки бо вожаи ишқ таҷаллӣ кардаанд, ба масоили мухталифи иҷтимоӣ ва маънавию равонӣ бофт хӯрда, шоир дар тасвири ишқ, аз як тараф, мотивҳои суннатӣ (фано дар ишқ, пӯшида доштани рози ишқ, сарҳад ва сомон надоштани ишқ, риёзат ва ошуфтагии ошиқ)-ро бо зевари табъ пероиш баста, аз ҷониби дигар, мотивҳои комилан нав эҷод кардааст. Дар ашъори Зуҳурии Туршезӣ вожаҳои хамрия ба маъниҳои аслӣ ва маҷозӣ рӯ намуда, шоир ба василаи унсурҳои тасвирсоз аз вожаи «май» мотиви адабии ихтисосӣ сохтааст. Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ғазалиёти шоир риндӣ, восӯхт, омӯзиши ҳунар, зоҳидситезӣ, дурӣ аз ватан, эътироз аз олам, муқовамати ақлу ишқ мебошанд, ки мактаби риндии Зуҳурии Туршезиро бо мактаби риндии Ҳофизи Шерозӣ дар масъалаҳои порсоии ринду дурдошому шодиталаб, сарфарози олам, покниҳоду ростқавл, дур аз тазвир ва донандаи асрор будани ӯ пайванд медиҳад. Аз нигоҳи дигар, ринди Зуҳурии Туршезӣ аз ринди Ҳофизи Шерозӣ бо силсилаи хислатҳо (бериё будани ринд, соҳиби

илми боамал будани ӯ, тавбакории ринд ва боло аз шайх будани нақши ӯ, тозакунандаи руҳу ҷисм будани ринд) фарқ мекунад.

Тасвири табиат дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба се навъ: шоирона, иҷтимоъгароёна ва зируҳангорона дастабандӣ шуда, шоир дар девони ғазалиёт 3334 маротиба аз калимоти марбути табиат (интихобан 40 калима дар таҳқиқ истифодаи бештар пайдо кардааст) баҳра ҷустааст. Андешаҳои Зуҳурии Туршезӣ роҷеъ ба маншаи офариниши инсон ва нақши ӯ дар олам дар асоси фалсафаи исломӣ сурат гирифта, ҳарчанд шоир бунёди офариниши инсонро аз чор унсур: обу оташу боду хок иборат медонад ва сарнавишти инсонро марбути рӯзи азал ба шумор меоварад, эъҷози табъи ӯ худ аз халлоқияти фитрати инсон паём мерасонад.

Дар боби дуюми диссертатсия - **«Сохтор, вазн ва мусиқии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»**, иборат аз се фасл ва чор зерфасл, вижагиҳои сохтории ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ва мақоми ӯ дар сарватандӯзии ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд аз зовияи камолоти ҳунари сухангустарӣ баррасӣ шудааст. Ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз дидгоҳи пайкарабандӣ ба навъи пароканда тааллуқ гирифта, дар онҳо воқеа муҳаррик нест ва дар ҳолати статикӣ изҳор қарор дорад. Бо таҳқиқи ҷузв ба ҷузви ашколи тасвир унвонҷӯй ба хулосаи ҷолибе мерасад, ки дар архитектоникаи ғазалиёти шоир на танҳо абёт дар алоҳидагӣ, балки ҳар як мисраъ мустақилмаъноанд. Дар назари аввал онҳо аз иртиботи меҳварӣ, аммо пас аз тааммул дар ҳунар ва нигариши шоир ҳузури қавии инсиҷом ва иртиботи маъноӣ дар онҳо ошкор мегардад. Ба ишораи саҳеҳи муаллиф дар ғазали Зуҳурии Туршезӣ тамомияти маъноӣ бар ду асос: иртиботи маъноии байтҳо бо якдигар (ассотсиатсивӣ) ва пайванди умумии онҳо бо матолиби куллии ғазал - сохтори ягонаи ривоӣ сурат мегирад. Баррасӣ, андеша ва натиҷагириҳои Ш.Шарипов оид ба эҷоди матлаи ғазал, муҳтаво ва форм, истиқлоли байт, қофия, санъатҳои бадеӣ ва ҳунарсозаҳо, маонии шеърӣ, тасвирсозӣ ва латифию марғубии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ, ҳамчунин, эҷоди фазои якпорчагии тасвир дар ҳар як мисраъ, таносуби муҳтаво бо

вазн, чандомади корбурди авзон, падидаҳои арзишҷӯйӣ ва арзишгузориҳои тозаест, ки тадовуму такомули онҳо самтҳои ҷадидро дар маърифати ашъори сабки ҳиндӣ густариш хоҳад бахшид. Мушоҳидаҳо ва бозёфтҳои диссертанд дар хусуси он ки "мусиқии дарунии ғазалиёти шоир тақвиятбахши маъно буда, Зуҳурӣ дар эҷоди ғазал барои тақвияти маънӣ ба ҳолати физикӣ ва шаклҳои басирии ҳарфҳо низ таваҷҷуҳи зиёд додааст. Иртиботи қавии садоноку ҳамсадо дар эҷоди мусиқии ғазалиёти шоир ба чашм расида, ҳамин рабти устувори мусиқию маъно боиси тадоии маъноӣ дар ғазалиёти шоир гардидаанд (диссертатсия, с. 362-364)", бо мисолҳои зиёд тасдиқ гардида, аз завқ ва дониши пухтаи муаллиф дар маънишиносӣ шаҳодат медиҳанд.

Диссертант дар боби сеюм, ки «**Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ»** ном дорад, ба хулоса омадааст, ки тавсиф дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ яке аз воситаи баёни бадеии серкорбурд буда, ба маъноҳои мусбату манфӣ ва ба шеваи воқеию интизоӣ истифода шудааст. Шоир тавассути санъати бадеии мазкур ба муҳимтарин хусусиятҳои шахс, ашё ва ё воқеа ишора намуда, ба ҳамин восита вижагии ашёи тасвир ва ё мухотабро барҷаста намудор меоварад. Ш.Шарипов бо таснифу гурӯҳбандии теъдоди азими ташбеҳот мутақоид шуда, ки ташбеҳоти ғазалиёти шоир бештар мутлақ ва пӯшида буда, дар онҳо адоти камкорбурди ташбеҳ – «ба ранги» ба ҷойи «ба монанди, ба мисли» тағаллуб дорад ва тавассути таъкид – паси ҳам овардани монандшаванда ва монандкунанда, иртиботи қавии мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳӣ барҷастагии тасвирҳоро ба вуҷуд овардааст. Чунонки диссертант таъкид мекунад дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ як зумра истиораҳо таъвилӣ ва сайёл буда, шоир бо иҳоморой ва истиороти ҳерменевтикӣ зеҳни хонанда ва ё шунавандаро ба ҷанбаҳои гуногуни маърифати ашё ва ҳодиса мутаваҷҷеҳ менамояд. Доираи корбурд ва сохти истиораҳо дар ғазали шоир маҳдуд ва мутлақ набуда, чандмаъноии онҳо маърифати байтро душвор карда, то ҷое ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро саршори матолиби рамзӣ гардонидаанд. Унвонҷӯй ба тааммуқ дар ҷаҳони ҳунарии Зуҳурии Туршезӣ ба исбот расонидааст, ки "шоир тамоми абзори

хурду бузурги фунуни адабиро дар хизмати забон қарор додааст ва дар натиҷа, воқеан, ба забони ҷадиди шеър ва ё забони тозаи ҳунарӣ ноил гардидааст. Шоир тавассути сохторшиканӣ ва ошноизудоӣ дар талмеҳ низ мазмунҳои тоза офаридааст (диссертатсия, с. 364-365)”. Ин хулоса дарёфт ва бозёфти саҳеҳи муаллиф аст, ки сухани тоза дар шинохти ҳувияти шоирии Зуҳурии Туршезист.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар боби чаҳоруми рисола - «**Сабкшиносии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ**», собит сохтааст, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ садҳо таркиботе ба чашм мерасанд, ки сохтаи шоир буда, дар онҳо хусусияти ашёҳо аз асли маънои луғавиашон дур афтодаанд. Чунонки муаллиф ба қайд меоварад, вожаи оми “кӯча” сифати осудагиро ба худ гирифта, аз як тараф, вежагии номаҳсуси ашёро инъикос намуда, аз ҷониби дигар, аз доираи дарки мухотаб берун меравад:

*Агар мебоядат дар* ***кӯчаи осудагӣ*** *манзил,*

*Бурун рез аз сарои табъ рахти расму одатро*” (диссертатсия, с. 83).

Дар ин боб диссертант хулосаеро мудаллал ва мушаххас менамояд, ки тасвири шоиронаи ашё ва ифодаи тобишҳои услубию маъноии онҳо дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ тавассути шигардҳои адабӣ: ҳисомезӣ, андозагирӣ, савтомезӣ, барҷастасозӣ, дигардесӣ ба ашё ба зуҳур омада, шоир хусусиятҳои ашёро аз табиати аслии он бегона месозад ва услуби тозаи маъниофариниро вазъ менамояд. Муҳокимаи унвонҷӯ роҷеъ ба он, ки шоир дар эҷоди ғазал аз се шакли ҳанҷоргурезии забонӣ (вожагонӣ, наҳвӣ ва сабкӣ) истифода карда, чаҳор шакли дигари он (гӯйишӣ, овоӣ, навиштторӣ ва замонӣ)-ро ба кор нагирифта, навангезиҳои қобили таваҷҷуҳ дар усулҳои пажуҳиши шеърияти каломи мавзун маҳсуб мешаванд. Муҳаққиқ бар он аст, ки шоир дар калимасозӣ ва таркибофаринӣ аз қолаби маҳдуди сарфу наҳви забон берун омада, дар ин замина, силсилаи вожагони тахассусии хоси худро эҷод намудааст. Ҳузури рушани ду ҷараёни ҳанҷоргурезӣ - марказияти истиораи феълӣ ва меҳварияти истиораи исмӣ, тасвирҳои зиёди мутанокиз, таркибсозиҳои ғариб бо вожаи ранг, вожаҳои мазмунсоз. омезиши

вобастаҳои ададӣ бо вожагони ҳомили мафҳумҳои моддӣ ва интизоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ асоси услуби ҷадиди тасвирсозӣ ва маънofаринӣ дониста шудаанд, ки аз зуҳури равишҳои наве дар чашмандози мо ба шеърияти ғазали классикӣ паём мерасонад.

Унвони боби панҷуми диссертатсия «**Таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ**» мебошад,, ки аз се фасл ва ду зерфасл иборат аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ таъсипразирии Зуҳурии Туршезиро аз ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ муфассал баррасӣ намуда, падидаҳои муваффақонаи онро дар вазну оҳанги ғазал, радифу қофия, таркибсозӣ, тасвирофаринӣ, андеша, ороёҳои адабӣ ва зебоиҳои эстетикии баён ба намоиш гузоштааст. Унвонҷӯ бо сайре моҳиятҷӯ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бо вуҷуди ҳамоҳангиҳо бо ашъори шоирони бузург, ба мисли Бедил, Ҳофиз, Соиб, Ғолиб, Урфӣ, Назирӣ матни бадеию адабии комилан мустақил буда, ҳунари шоирии ӯ низ қавӣ ва нотакрор аст. Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки таъсири ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бар эҷодиёти Бедили Деҳлавӣ дар шакли такрори таркиботи ихтисосӣ ба зуҳур расида, таҳти таъсири ашъори ӯ қарор гирифтани Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ, аз баландиҳои ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ва нақши ӯ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX шибҳи қораи Ҳинд паём медиҳад.

Лозим ба зикр аст, ки хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар шакли гузоришу маърузаҳо муаррифӣ гардида, нуктаҳои асосии он дар 31 мақола инъикос ёфтаанд, ки 21-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтаанд. Мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферат, ҳамчунин, мақолаҳои навиштаҳои муаллиф ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пурра мутобиқат мекунанд ва ба самтҳои афзалиятноки илм иртиботи қавӣ доранд.

Рӯйхати адабиёт дар асоси талабот ва меъёрҳо мураттаб гардидааст.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи худро ба пуррагӣ иҷро карда, як пажӯҳиши комили илмиро барои ҳимоя пешниҳод намудааст, ки ба талаботи корҳои диссертатсионӣ муносиб ва мувофиқ мебошад.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои илмӣ, баъзе нуқсонҳо ба чашм мерасанд, ки зикрашон аз аҳаммият холӣ нест:

1. Дар диссертатсия ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, услубӣ ва риоя нагардидани аломатҳои китобат ба чашм мерасанд (диссертатсия, с. 11, 15, 17, 32, 64, 78, 85, 86, 95, 357).
2. Фаслҳои "Тавсиф" ва "Ташбеҳ"-и боби сеюми диссертатсия - "Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ", такмил мехоҳад. Шояд бо дарназардошти ҳаҷми пешбинишуда унвонҷу ин имконро пайдо накардааст (диссертатсия, с. 180, 182).
3. Дар баъзе маврид аз назарияҳои адабиётшиносони рус тавассути тарҷумаи эрониҳо истифода шудааст, ки руҷуъ ба асли онҳо саҳеҳтар ба назар мерасад (диссертатсия, с. 245, 246).
4. Баррасии интиқодии иқтибосҳо густардагии бештарро тақозо менамояд (диссертатсия, с. 49-50, 78-80, 90-92).
5. Бино ба матни диссертатсия дар хусуси нусхаи қаламии девони шоир ба хулосаи қатъӣ омадан душвор аст. Чанд девони мафқуди шоирон, ки нусхаашон баъдтар ба муомилоти илмӣ роҳ ёфт ва ҷустуҷӯҳои унвонҷӯ дар самти дастрасӣ ба нусхаҳои қаламии ашъои Зуҳурии Туршезӣ дар китобхонаҳои ҷаҳон мавҷуд аст (диссертатсия, с. 14-32) аз ҷумлаи вазифаҳои ояндаи ӯст.

Камбудиҳое, ки зикрашон гузашт, моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба сифати мулоҳизоти тавсиявӣ манзур шудаанд.

Диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)", ки барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **мутобиқ мебошад**.

Ҳамчунин, диссертатсияи Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи "Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
узви Комиссияи марказии интихобот
ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимӣ
Носирҷон Юсуфзода

Нишони: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (+992) 98-797-55-55

Имзои Н.Ю.Салимиро тасдиқ мекунам:
Мудири бахши умумӣ, кадрҳо ва корҳои
махсуси дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот
ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нормухаммедов А.У.
Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел.: +992 904-20-53-63
"08" майи соли 2024